*УДК 32.001*
*ББК 66.3,123*

# *ҶИҲАТҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ КОРРУПСИЯ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ*

***Солиев Шарофиддин Холович,***
*ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ КОРРУПЦИИ В СИСТЕМЕ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ*

***Солиев Шарофиддин Холович,***
*ассистент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *METHODOLOGICAL ASPECTS OF INVESTIGATION OF CORRUPTION IN THE SYSTEM OF SOCIO-POLITICAL RELATIONS*

***Soliev Sharofiddin Kholovich,***
*Lecturer of the Political Science Chair under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL****: sharof55@yahoo.com*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии коррупсия, дидгоҳҳо, низомҳои сиёсӣ, паёмадҳои иҷтимоӣ-сиёсии коррупсия, коррупсияи сиёсӣ*

*Дар мақола дидгоҳҳои мухталифи омӯзиши коррупсия дар низоми муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мисолҳо дар он маврид оварда шудаанд, ки коррупсия масъалаи иҷтимоию сиёсӣ буда, тадқиқи он дар ин самт дорои якчанд дидгоҳҳои муҳим аст. Муаллифи мақола махсусан қайд намудааст, ки агарчанде андешаҳои илмӣ перомуни коррупсия ҳанӯз дар замонҳои қадим ҷой доштанд, аммо таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин масъала дар даҳсолаҳои охир сурат гирифтааст. Дидгоҳҳои овардашуда дар мақола нишон медиҳанд, ки коррупция масъалаи муҳими низоми муносибатҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳои мухталиф мебошад. Дидгоҳҳои баррасишуда тақвияти коррупсияро бо хосиятҳои низомҳои сиёсӣ, давраи гузариши ҷомеаҳо, ҳолатҳои пас аз моҷароӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳо алоқаманд медонанд. Муаллиф қайд намудааст, ки ин дидгоҳҳо метавонанд чун заминаи муҳими таҳқиқи ҷиҳатҳои иҷтимоию сиёсии масъалаи коррупсия дар Тоҷикистон хизмат расонанд.*

***Ключевые слова:*** *коррупция, социально-политические факторы, подходы, политические режимы, социально-политические последствия, политическая коррупция*

*Рассматриваются различные подходы к исследованию коррупции в системе социально-политических отношений. Приведены примеры того, что коррупция является социально-политической проблемой и исследование данного феномена в этом направлении имеет некоторые важные аспекты. Особо подчеркнуто, что, хотя научные идеи о коррупции имели место с античных времен, но всестороннее исследование этой проблемы было заложено в последние десятилетия. Приведенные исследовательские подходы показывают, что коррупция является важнейшей проблемой в системе социально-политических отношений различных обществ. Приведенные подходы связывают разви-*

*тие коррупции с особенностями политических режимов, переходным периодом в обществах, постконфлитной ситуацией и другими сторонами социально-политической жизни общества. Подчеркнуто, что данные подходы могут послужить важной базой для исследования социально-политической стороны коррупции в Таджикистане.*

**Key words:** *corruption, socio-political factors, approaches, political regimes, socio-political consequences of corruption, political corruption*

*The article examines different approaches of corruption analysis in the system of socio-political relations. The examples regarding the fact of corruption being a socio-political problem are adduced and its research in this direction has some important approaches. The author specifically emphasizes that though scientific ideas about corruption emerged in ancient period yet, but comprehensive analysis of this problem started in the latest decades only. The presented scientific approaches show that corruption is a very important and critical problem in the system of socio-political relations of different societies. The adduced approaches associate intansification of corruption with the features of political regimes, transitional periods in societies, post-conflict situations and other aspects of socio-political life of communities. The author emphasizes that these approaches can serve as an important base for studying socio-political aspects of corruption in Tajikistan.*

Дар ҳаёти инсоният дар ҳар давру замон масъалаҳое зуҳур кардаанд, ки таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудаанд. Яке аз чунин масъалаҳое, ки аз даврахои қадим то ба имрӯз диққати соҳибназарон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст ва ба рушди ҷомеаҳо таъсири амиқ гузоштааст, мавҷудияти коррупсия мебошад. Коррупсия ҳамчун падидае шинохта шудааст, ки тӯли таърихи рушди инсоният ҳамаи ҷомеаҳоро ҳамроҳӣ намудааст ва хусусан ба ҷиҳати иҷтимоиву сиёсии онҳо таъсиргузор будааст. Аз ин рӯ, барои фаҳмиши таъсиррасонии ин падида ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҳаёти ҷомеаҳои мухталиф моро зарурат пеш меояд, ки ба таълимотҳои муҳим дар ин маврид таваҷҷуҳ намоем, то ба хусусиятҳои ин падида беҳтар сарфаҳм рафта бошем.

Баррасии масъалаҳои коррупсия аз ҷониби муҳаққиқон вобаста ба замон ва макони муайян сурат гирифтааст. Дар муайяннамоии коррупсия ва таъсири он ба низоми муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҳолати рушди ҷомеаҳои мухталиф дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ таъсир гузоштаанд. Муҳаққиқони зиёде аз давраи қадим то ба имрӯз ҷиҳатҳои иҷтимоиву сиёсии коррупсияро ошкор намудаанд ва андешаҳои худро дар ин замина иброз кардаанд. Яке аз самтҳои муҳимми омӯзиши масъалаи коррупсияро таваҷҷуҳ ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ин падида ташкил медиҳад ва аксари муҳаққиқон бар ин андешаанд, ки мушкилоти коррупсия дар ҷомеаҳо маъмулан ҷиҳати иҷтимоӣ ва сиёсиро доро мебошад.

Тавсифи илмии масъалаҳои коррупсия ҳанӯз аз давраи қадим аз ҷониби мутафаккирони Юнони қадим сурат гирифтааст. Ба андешаи файласуфони барҷастаи юнонӣ Афлотун ва Арасту коррупсия падидаи сиёсӣ мебошад. Онҳо коррупсияро чун заминасози зуҳури шаклҳои «нодуруст»-и идораи давлатӣ – тирания ва олигархия шуморидаанд. Ба андешаи Афлотун заминаи зуҳури коррупсия аз манфиатҷӯии нафароне, ки дорои қудрат ва нуфуз мебошанд – пеш аз ҳама мансабдорон ва ҷанговарон сарчашма мегирад [1, с. 84-86].

Дар китоби 4-уми «Сиёсат»-и худ Арасту перомуни шароитҳои суботи сиёсӣ андешаронӣ намуда, чунин қайд намудааст, ки «аз ҳама муҳимтар дар ҳама гуна сохтори давлатӣ он аст, ки тавассути қонунҳо ва дигар тартибот корро тарзе ба роҳ монӣ, ки мансабдорони давлатӣ натавонанд сарват ғун кунанд» [2, с. 124]. Арасту нодуруст ва вайрон гаштани ин ва ё он тарзи идораи давлатиро маҳз дар боло гирифтани манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ ва сӯистеъмол аз мақом медонад. Дар баррасии мутафаккири замони нав Николло Макиавелли низ чунин ба назар мерасад, ки ӯ коррупсияро чун падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ баҳогузорӣ кардааст. Ӯ коррупсияро ба беморие монанд менамуд, ки дар аввал шинохти он мушкил ва давои он осон аст, ва баъдтар шинохти он осон ва давои он мушкил мегардад.

Дар оғози Замони нав бо зуҳури давлатҳои мутамаркиз дар фаҳмиши коррупсия низ марҳилаи нав шурӯъ гардид. Дар ин давра коррупсия чун мушкилоти ҷиддии ҷамъиятӣ, нишонаи ҷомеаи «бемор» шуморида мешуд, ки ба рушди иқтисодӣ ва тавлиди сармоядорӣ алоқаманд буд. Дар ин давра буржуазияи ғолиб дар фосид намудани мансабдорони сатҳи баланди давлатӣ, ва қисман харидани мансабҳои давлатӣ таъсири фаъол дошт.

Дар ин замон масъалаҳои коррупсия дар асарҳои маорифпарварони Ғарб, ба монанди Ж.Ж.Руссо, Ш. Л. Монтескё ва Ф. Бэкон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Монтескё зуҳури коррупсияро ба водор будани ҳар як инсон ба сӯистеъмоли ҳокимият пайванд медонист «…аз таҷрибаи чандинасра маълум аст, ки ҳама гуна инсони дорои ҳокимият, тамоюл ба сӯистеъмоли он дорад ва ӯ ба ин самт меравад, то замоне ки ба ҳадди ба ӯ муайяннамуда нарасад» [3, с. 282]. Дигар муҳаққиқони ин замон коррупсияро чун бемории иҷтимоӣ ва фаъолияти нодурусти ҷомеаи буржуазӣ донистаанд. Т. Гоббс дар асари худ «Левиафан» перомуни тамоюли на инсонҳои оддӣ, балки одамони сарватманд ба коррупсия чунин менависад: «Одамоне, ки дорои боигарӣ мебошанд, ба умеде, ки бо фасоди низоми ҳуқуқии давлатӣ ва ё гирифтани бахшиш бо пул ва дигар навъҳои пешниҳоди инъом аз ҷазо мегурезанд, дилпурона ҷиноят содир мекунанд» [4, с. 45]. Аз гуфтаҳои мазкур чунин бармеояд, ки онҳо коррупсияро чун падидаи ҷиҳати иҷтимоӣ ва сиёсидошта медонанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба ва ҷиддӣ дар мавриди коррупсия аз нимаи дуюми асри 20 то ба имрӯз ба назар мерасанд, ки хосатан ба омӯзиши ҷиҳатҳои мухталифи ин падида бахшида шудаанд. Аввалин таҳқиқоти ҷиддӣ дар мавриди коррупсия аз солҳои 1970-1980 зуҳур намуданд. Ин таҳқиқот ба коррупсия чун падидаи универсалии иҷтимоӣ назар намуда, ҷиҳати умумисайёравии онро ошкор сохтаанд [5]. Дар ин таҳқиқот паҳлӯҳои мухталифи ин масъала мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шуданд. Аз он ҷумла, дар ин замон муҳаққиқон ба муайян намудани мафҳуми коррупсия, навъҳои таърихии он, дарки масъала аз ҷониби мардум, тақвияти коррупсияи сиёсӣ, масъалаҳои модернизатсия ва коррупсия, коррупсия ва рушди иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои алоқаманд бо коррупсия таваҷҷуҳ намудаанд.

Тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои мухталиф, васеъ шудани фазои низоми сармоядорӣ, ҳамчунин тағйирот дар низомҳои сиёсии кишварҳои пасошӯравӣ зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи коррупсияро боз ҳам болотар бурд. Дар шароити имрӯза коррупсия хатаре дониста шудааст, ки ба рушди ҷомеаҳо ва дар умум ба амнияти башарӣ таҳдид мекунад.

Даҳсолаҳои охир мушкилоти коррупсия ба яке аз масъалаҳои муҳим, доғи рӯз ва

ҳалталаби ҷомеаҳои муосир табдил ёфтааст. Агарчанде мушкилоти мазкур аз давраи зуҳур то ба имрӯз ҷомеаи инсониро ҳамраҳӣ менамояд, аммо таъсири манфии он ба ҳаёти ҷомеаҳо ва дар умум ба зиндагии башарият дар даҳсолаҳои охир ба маротиб боло рафт. Аз ин рӯ, давоми даҳсолаҳои охир муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи илмҳои иҷтимоӣ таҳқиқоти зиёдеро перомуни ҷиҳатҳои гуногуни масъалаҳои коррупсия ба анҷом расониданд. Дар ин бобат хусусан саҳми муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ хелуе назаррас мебошад, ки ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии падидаи коррупсия равшанӣ бахшиданд ва метавон гуфт, ки баррасии онҳо аз масъала васеътар ва фарогиртар аст.

Ҷиҳати хоссаи таҳқиқотҳои анҷомшударо дар масъалаи коррупсия гуногунсоҳагии онҳо ташкил медиҳад. Яъне ҳар як соҳаи илми иҷтимоӣ дар доираи фаҳмиши худ ба масъалаи омӯзиши коррупсия дахл намудааст. Таҳқиқоти мазкур ошкор намудаанд, ки чи гуна омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ сабаби зуҳури коррупсия ва дар навбати худ чи гуна мавҷудияти коррупсия паёмадҳои манфии иҷтимоӣ ва сиёсиро тавлид менамояд. Яке аз ҷиҳатҳои муҳими таҳқиқотҳои анҷомшуда аз он иборат аст, ки зуҳури коррупсия ба тарзи мухталиф бо шароитҳои иҷтимоию сиёсӣ пайваст карда шудааст. Албатта дар ин маврид андешаи муҳақиқон гуногун аст ва ҳар яке ба ҷиҳатҳои алоҳидаи таъсири омилҳои иҷтимоию сиёсӣ дар зуҳур ва тақвияти коррупсия таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин маврид мо метавонем чанде аз дидгоҳҳоеро баррасӣ намоем, ки перомуни алоқамандии коррупсия ва ҳолати иҷтимоию сиёсии ҷомеаҳо баён шудаанд.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон зуҳур ва тақвияти коррупсияро ба низомҳои сиёсӣ вобаста намудаанд. Ба андешаи онҳо зуҳур ва тақвияти коррупсия ба замон ва ҳолати рушди ҷомеаҳо ва низомҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад. Ҳанӯз файласуфи барҷаста Карл Поппер дар ҳар маврид мавҷудияти ҳокимиятро бо коррупсия рабт дода буд. Ба андешаи ӯ дар ҳама ҷое, ки ҳокимият мавҷуд аст хатари сӯистеъмоли он ва хатар ба озодӣ мавҷуд аст. Ҳама гуна ҳокимият тамоюл ба таҳкими худ ва коррупсия дорад. Ба андешаи К. Поппер танҳо анъанаҳои ҷомеаи озод ва кушода метавонад тавозуни қудрати давлатиро ба миён орад [6]. Муҳаққиқ К. Фридрих дар мавриди вобастагии зуҳури коррупсия аз низомҳои сиёсӣ чунин дарҷ намудааст, ки дар ҷомеаҳои кушода маълумот дар мавриди коррупсия аз ҷониби нерӯҳои оппозитсионӣ ошкор ва тавассути васоити ахбори оммаи мустақил паҳн карда мешавад. Аммо дар ҷомеаҳои тоталитарӣ то як андоза ба ошкорсзии коррупсия ва ё дар умум нисбат ба ин масъала манъкунӣ (табу) вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ба андешаи К. Фридрих коррупсия падидаи универсалӣ буда, дар ҳама гуна низоми давлатӣ вуҷуд дорад ва танҳо шакли зуҳур ва миқёси он фарқ мекунад [7, с. 17].

Муҳаққиқон А. Купер Друри, Ҷонатан Криекхауз ва Майкл Лузтин дар тадқиқоти худ қайд намудаанд, ки ҷомеаҳои ғайридемократӣ нисбат ба ҷомеаҳои демократӣ аз таъсири коррупсия зиёдтар осеб мебинанд, ки аз ҷанбаи сиёсӣ доштани падидаи коррупсия дарак медиҳад. Ба андешаи онҳо мавҷудияти барзиёди коррупсия дар ҷомеаҳои ғайридемократӣ тавъам аст [8]. Муҳаққиқон А. Шлейфер ва Роберт В. Вишни низ қайд намудаанд, ки кишварҳои дорои рақобати сиёсӣ тавассути қонун, интихоботи демократӣ ва ҳатто Васоити ахбори омма бар алайҳи коррупсия таъсири пурқувваттари ҷамъиятӣ доранд ва дар чунин ҳолат мақомоти давлатӣ кӯшиш бар он мекунанд, ки коррупсияро рафъ кунанд набалки раванди коррупсиониро рушд

бидиҳанд [9, с. 610].

Ҳамчунин сабаби муҳими нигаронӣ аз коррупсияро бархе муҳаққиқон дар он мебинанд, ки он коройии демократияро зери шубҳа мебарад, махсусан дар ҷиҳати волоияти қонун, рақобати сиёсӣ ва машрӯияти низоми сиёсӣ [10]. Аз нуктаи назари муҳаққиқони назарияи идораи давлатӣ коррупсия ин зерсистемаи идораи ҷамъиятӣ мебошад, ки аз сабаби бесамарии (дар ҳама навъи зуҳури худ) фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва дастгоҳи он зуҳур мекунад [11]. Муҳаққиқ Расма Караклинз низ дар таҳқиқоти худ қайд намудааст, ки чигунагии зуҳури коррупсия аз режими сиёсӣ вобастагӣ дорад [12, с. 75].

Ба андешаи мо воқеан мавҷудият ва тақвияти коррупсия аз чигунагии низомҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад. Низомҳои сиёсии кушода ва демократӣ то як андоза механизми самараноки рафъи коррупсияро доро мебошанд ва дар чунин низомҳо сатҳи коррупсия назар ба ҷомеаҳои дорои низоми гузаришӣ, пӯшида ва тоталитарию авторитарӣ камтар мебошад. Чуноне ки дар раддабандии Индекси дарки коррупсияи Созмони шафофияти байналмилалӣ мушоҳида мешавад, кишварҳои демократӣ аз ҳама нишондоди беҳтарини сатҳи пасти коррупсияро доро мебошанд [13].

Дар воқеъ сатҳи коррупсия ва хусусиятҳои зуҳури он аз низомҳои мавҷудаи идорӣ вобастагии амиқ дорад. Чуноне ки дар боло овардем муҳаққиқон низоми демократиро фазое медонанд, ки дар он имкони зуҳури коррупсия нисбатан камтар аст. Мо чунин мешуморем, ки агарчанде мавҷудияти низоми демократӣ ба пуррагӣ кафили рафъи коррупсия буда наметавонад, аммо набудани чунин низом коррупсияро унсури гурезнопазири ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаҳо мегардонад.

Ҷиҳати дигари омӯзиши мушкилоти коррупсия ба риштаи таҳлил кашидани омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсии зуҳур ва тақвияти ин падида мебошад. Муҳаққиқони зиёде, ки масъалаҳои коррупсияро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд ба омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоии зуҳури он таваҷҷуҳи хоса намудаанд ва онро чун падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ баҳогузорӣ кардаанд. Гурӯҳи зиёди муҳаққиқони масъалаҳои коррупсия сарчашмаи зуҳури коррупсияро дар «боло гузоштани манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ» медонанд, ки ин як навъи рафтори иҷтимоии фардиятҳо ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ аст. Роберт Клитгаард дар мавриди коррупсия чунин қайд мекунад, ки коррупсия дар ҳолати ба таври ғайриқонунӣ боло гузоштани манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои одамон ва мақсадҳое, ки инфирод баҳри расидан ба онҳо хизмат менамуд сар мезанад [14]. Сиёсатшинос Самуэл Ҳантингтон қайд намудааст, ки коррупсия он рафтори кормандони давлатӣ аст, ки ба хотири хизмат ба манфиатҳои хусусӣ аз меъёрҳои қабулшуда канор меравад [15, с. 59]. Муҳаққиқ Ҷ. С. Ней коррупсияро чун берун рафтан аз вазифаҳои расмӣ ҳангоми иҷрои нақши ҷамъиятӣ ба хотири манфиатҳои хусусии (шахсӣ, хонаводагӣ, дорои хосияти хусусӣ) пулӣ ё ба даст овардани мақом медонад. Ӯ порагирӣ, непотизм (ошнобозӣ ва ҷонфидоии шахсӣ) ва масрафкориро (харҷи бемаврид) чун навъҳои рафтори коррупсионӣ шинохтааст [17, с. 966].

Баъзе аз муҳаққиқон омили зуҳур ва тақвияти коррупсияро дар ноӯҳдабароии низоми идорӣ ва бесамарии фаъолияти он медонанд. Оливер де Сардан чунин мешуморад, ки нотавонии сиёсатмадорон дар амалигардонии чораҳои мувофиқ ба хотири некӯии давлат ва ё хизмати давлатӣ омили ҳалкунандаи тақвият ва паҳн шудани коррупсия мегардад [19, с. 174]. Муҳаққиқон Абид Ҷ.Т., Гупта С., Мауро П.

ва Мбаку Ҷ.М. бошанд чунин иддао мекунанд, ки бесамарии ҳокимият заминаи бузурги зуҳури коррупсия мебошад ва на баръакс. Бесамарӣ дар амалисозии ҳокимият барои хизматчиёни давлатӣ ва мақомнишинон имкони фаровоне фароҳам меорад, ки ба коррупсия даст зананд ва шаҳрвандон низ дар чунин ҳолат роҳҳои алтернативии «нармсозии (равғанкунии) чарха»-ро дарёфт намоянд. Ин муҳаққиқон ба он андешаанд, ки набудани волоияти қонун василаи самтгирӣ ба тақвияти коррупсия дар давлат мебошад [20]. Муҳаққиқи илмҳои сиёсӣ Самуэл Ҳантингтон низ бар он назар аст, ки коррупсия яке аз нишонаҳои адами институтсионализатсияи самаранок мебошад [15, с. 59].

Соҳаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дорои меъёрҳо ва арзишҳое мебошанд, ки ҷиҳати муҳими маърифати шаҳрвандии мо, фаъолияти бюрократия ва масъулиятшиносии ҷамъиятии шаҳрвандон дониста мешаванд. Маҷмӯи меъёрҳо ва арзишҳо мақсадҳои асосиро шакл медиҳанд ва рафтори фардиятҳоро дар вазифаҳои ҷамъиятӣ танзим мекунанд. Ба андешаи Антони З. Каминский коррупсия дар ҳолате рух медиҳад, ки ин меъёрҳои фарҳангӣ вайрон ва тарк карда мешаванд. Аз ин рӯ, ӯ коррупсияро ифодагари раванди воридшавии меъёрҳои хусусӣ ба соҳаи ҷамъиятӣ медонад [21, с. 83].

Дар мавриди омилҳои иҷтимоию сиёсии зуҳури коррупсия метавонем гуфт, ки онҳо ҷиҳатҳои зиёдеро фаро мегиранд. Муҳаққиқон дар зуҳур ва тақвияти коррупсия омилҳои мухталифи иҷтимоию сиёсиро ном бурдаанд ва, албатта, ҳар як омили зикршуда дар ин ва ё он навъ боиси зуҳури ин падида мегардад. Омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии аз ҷониби муҳаққиқон ошкоршуда воқеан заминаи зуҳур ва тақвияти коррупсия мебошанд. Ба андешаи мо новобаста аз он ки коррупсия дар кадом ҷомеа ба вуҷуд меояд, хоҳ-нохоҳ зери таъсири яке аз омилҳои зикршудаи иҷтимоию сиёсӣ сурат мегирад. Омили инсонӣ, яъне манфиатхоҳии шахсиву гурӯҳӣ бар алайҳи меъёрҳо ва арзишҳои муайяншудаи ҷамъиятӣ яке аз заминаҳои асосии зуҳур ва тақвияти коррупсия мебошанд. Дар ҳама ҳолат рафтори иҷтимоӣ ва сиёсии хизматчиёни давлативу ҷамъиятӣ ва мардум дар умум боиси ба амал омадани коррупсия мегардад, ки аз падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ будани он дарак медиҳад. Қайд намудан зарур аст, ки омилҳои зикрнамудае чун бологузории манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ, берун рафтан аз вазифаҳои расмӣ ба хотири манфиатҳои хусусӣ, ноӯҳдабароии низомҳои идорӣ ва бесамарии фаъолияти онҳо, бесамарии ҳокимият, адами институтсионализатсияи самаранок, вайрон намудан ва тарк кардани стандартҳои фарҳангӣ дар воқеъ метавонанд сабаби зуҳур ва тақвияти коррупсия бигарданд. Дар ин маврид ба инобат гирифтани ҳолати мавҷудаи иҷтимоию сиёсӣ низ муҳим аст. Набудани шароити мусоиди иҷтимоию сиёсӣ барои хизматчиёни соҳаи давлативу ҷамъиятӣ низ метавонад боиси зуҳури коррупсия ва тақвияти он дар ҷомеа гардад. Қайд намудан зарур аст, ки номусоидии шароитҳои иҷтимоию сиёсӣ коррупсияро тавлид мекунанд ва боиси бесамарӣ дар фаъолияти низомҳои идорӣ мегарданд. Яъне чунин метавонем гуфт, ки дар мавриди зуҳур ва тақвияти коррупсия миёни ҳолати номусоиди иҷтимоию сиёсӣ ва бесамарии фаъолияти низоми идорӣ алоқамандӣ вуҷуд дорад.

Дар ҳама давру замон ҳолати иҷтимоиву сиёсӣ ба сатҳи коррупсия таъсиргузор мебошад. Хусусан, вазъи бади иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва ё ҳолати начандон хуби он метавонад заминаи тақвияти коррупсия гардад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, хусусан ҳолати иҷтимоии ҷомеаҳо ба сатҳи зуҳур ва тақвияти

коррупсия таъсиргузор мебошанд. Дар баррасии масъалаҳои коррупсия дар ҷомеаҳои мухталиф зарур аст, ки ба ҳолати рушди иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад.

Ҷиҳати дигари масъалаҳои коррупсия, ки муҳаққиқон ба он таваҷҷуҳ кардаанд, ин паёмадҳои иҷтимоию сиёсии ин падида мебошад. Аксари муҳаққиқони масъалаҳои коррупсия бар он назаранд, ки коррупсия дар низоми муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҳамеша паёмадҳои харобиовар ва манфиро доро аст. Гурӯҳе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки коррупсия шикананда ва вайронкунандаи меъёрҳои қабулшуда дар ҷомеаҳои мухталиф мебошад. Ҷеймз Скот исбот намудаст, ки коррупсия низоми расмии қоидаҳо ва идоракуниро барҳам мезанад [22, с. 2]. Расма Карклинз коррупсияро ба таври иҷтимоӣ чун нишони ҳамагуна нодурустӣ, беқонуният ва беинсофӣ медонад, ки ба пӯсиш ва вайронӣ мебарад [12, с. 5].

Ҳатто бархе аз муҳаққиқон коррупсияро чун низоми махсуси ғайрирасмӣ баҳогузорӣ мекунанд, ки фаъолияти низоми расмии сиёсиро зери шубҳа мебарад. Дар баррасии худ Ҷеймз Скот коррупсияро чун низоми сиёсии ғайрирасмӣ қаламдод мекунад. Ба андешаи ӯ, дар ҳоле ки изҳороти ҳизбҳо, қонунгузории умумӣ ва эъломияҳои сиёсӣ намуди зоҳирӣ ва расмии сохтори сиёсиро ташкил медиҳанд, коррупсия чун низоми ғайрирасмии сиёсӣ пойбарҷо аст [22, с. 2]. Ҳамчунин гурӯҳе аз муҳаққиқон паёмади ҳалокатовар ва харобкунандаи коррупсияро ба иҷроиши маъмурӣ ва рушди иқтисодиву сиёсӣ ошкор кардаанд [23]. Ҷозеф Ней се паёмади манфии коррупсияро фарқ мегузорад: таъсир ба рушди иқтисодӣ, ба ҳамгироии миллӣ ва имкониятҳои ҳукумат дар умум. Ӯ ба чунин хулосае омадааст, ки коррупсия ҳамеша зараровар аст [18, с. 427].

Муҳаққиқи рус Л. Гавелинг дар заминаи омӯзиши маводҳои Нигерия ва дигар кишварҳои африкоӣ ошкор намудааст, ки коррупсияи сиёсӣ метавонад чунин шаклҳои ҷиноии давлатдорӣ чун клептократия, лутократия ва плутократияро тавлид намояд [24]. Ҳамчунин бархе аз муҳаққиқони масъалаи коррупсия бар он андешаанд, ки коррупсия зӯроварӣ ва ҷиноёти дигарро ҳамроҳӣ мекунад. Ба андешаи онҳо гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ аксари ҳолат ба сиёсатмадорони фасодзада такя мекунанд, ки бехатарии чунин сиёсатмадоронро тавассути зӯроварӣ ва ё истифодаи фиребандаи равандҳои қонунӣ таъмин мекунанд. Исбот шудааст, ки чунин гурӯҳҳо дар киро намудани хизмати ҳуқуқии коршиносон низ имкони хуб доранд [25, с . 251].

Ба исбот расидааст, ки коррупсия падидаи хатарзо ба суботу амнияти ҷомеаҳо аст. Аз он ҷумла, муҳаққиқон собит намудаанд, ки коррупсия ба амнияти шаҳрвандӣ таъсиргузор аст, зеро молиёти пардохтшавандаро дар беҳбудии ҷамъиятӣ чун бехатарӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, нигаҳдошти инфрасохтор ва маоши муаллимону хизматчиёни давлативу ҷамъиятӣ монеъ мегардад [26, с. 41].

Муҳаққиқи барҷастаи масъалаҳои коррупсия Майкл Ҷонстон таъсири коррупсияро ба ҳаёти ҷомеаҳо чунин қаламдод намудааст: коррупсия ба андак нафарон бар зарари аксарият фоидабахш аст; он рушди иқтисодиро қафо мегузорад ва монеъ мегардад, манобеъро аз хизматрасонии аввалия, кӯмаки байналмилалӣ ва тамоми иқтисодиёт канор мезанад. То як андоза аз сабаби коррупсия барои миллионҳо «демократия» маънии рушди ноамнӣ ва «бозори озод» ҷоеро мемонад, ки

ба назар мерасад бойҳо аз ҳисоби дигарон бойтар мегарданд [27].

Дар навбати худ баъзе аз муҳаққиқон коррупсияро ба пуррагӣ чун падидаи манфӣ намешиносанд ва иддао менамоянд, ки коррупсия дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ дорои аҳамият низ мебошад. Барои мисол Роберт Клитгаард дар тадқиқоти худ якчанд далеле овардааст, ки коррупсия дар бархе ҳолатҳо метавонад ба фоидаи кор бошад. Ӯ ин далелҳои худро чун ёддошти иқтисоддон, ёддошти сиёсатмадор ва ёддошти мудир (менеҷер) ном мебарад. Ба андешаи Клитгаард пардохтҳои коррупсионӣ механизми бозориро ба ёд меоваранд. Дар низоме, ки мол ва хизматрасонӣ тавассути дар навбат истодан, сиёсат, интихоби ногаҳонӣ ва ё хизмати шоиста тақсим карда мешавад, коррупсия метавонад молро вобаста ба омодагӣ ва қобилияти пардохт тақсим намояд. Коррупсия дар чунин ҳолат мол ва хизматрасониро дар дасти нафароне қарор медиҳад, ки онро бештар қадр намуда, метавонанд самаранок истифода намоянд. Гӯё пас аз амали коррупсионӣ ин мол ва хизматрасонӣ бештар аз назари иқтисодӣ «самаранок» тақсим карда мешаванд. Вобаста ба ёддошти сиёсатмадор муҳаққиқ нишон доданӣ мешавад, ки пардохтҳои коррупсионӣ дар таъинотҳои сиёсӣ метавонад манфиатбахш бошад. Коррупсия дар бархе ҳолатҳо чун механизми «иштироки сиёсӣ» ва таъсиррасонӣ аз ҷониби ақаллиятҳои этникӣ ва корпоратсияҳои хориҷӣ дида мешавад. Дар низомҳои дорои маҳдудият харида гирифтан ягона василае барои ҳалли манфиатҳои дигар ва муаррифии онҳо дар раванди сиёсӣ мегардад. Дар заминаи ёддошти мудир муҳққиқ чунин баён намудааст, ки агар қоидаҳои бюрократӣ маҳдудиятҳоро муайян намуда бошад, пас кормандон метавонанд бо пардохти коррупсионӣ чунин қоидаҳоро сарфи назар созанд [14, с.31-32].

Дар мавриди хубӣ ва ё бадии коррупсия муҳаққиқ Виллиам А. Кларк мафҳуми «коррупсияи лозимӣ»-ро истифода намудааст. Ба андешаи ӯ коррупсия лозимӣ мегардад агар хати қирмизро (монеаҳоро) убур намуда, сохторҳои бюрократиро камтаъсир намояд [28]. Расма Карклинз бошад масъалаи хуб ва ё бад будани коррупсияро дар пайванд бо чигунагии сифати ниҳодҳо ва режимҳои сиёсӣ баҳогузорӣ кардааст. Ӯ миёни коррупсияе, ки низоми машрӯи демократиро зери шубҳа мегузорад ва коррупсияе, ки мардум маҷбур мешаванд ба хотири раҳоӣ аз низоми репрессивӣ, ғайрифаъол ва ғайримашрӯъ рӯ оваранд, фарқ мегузорад [12].

Гурӯҳи муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши мушкилоти кишварҳои ҷаҳони сеюм машғул мебошанд, коррупсияро бемории ҷомеаҳои дар ҳоли рушд, модернизатсияи ба итмом нарасида ва камбағаливу нодорӣ шуморида, алайҳи муносибати якҷонибаву манфӣ ба коррупсия чун фалаҷи ҷамъиятӣ баромад мекунанд. Ба андешаи онҳо коррупсия нақши мусбатро дар ҳамгироӣ, рушд ва модернизатсияи ҷомеаҳои ҷаҳони сеюм дошта метавонад [29].

Ба андешаи мо коррупсияро чун амали мусбат нишон додан дуруст нест ва ин падида моҳиятан бад мебошад. Агарчанде навъе аз коррупсия бюрократия ва низоми истибдодиро нарм менамояд, навъи дигари коррупсия тавлидкунандаи бюрократия ва низомҳои истибдодӣ мебошад. Бюрократияи фасодзада ва низомҳои истибдодӣ худ аз худ ба вуҷуд намеоянд, балки онҳо натиҷаи тамаъкории бархе аз хизматчиёни давлативу ҷамъиятӣ, номукаммалии механизми амали мақомот ва созмонҳои

давлативу ҷамъиятӣ, мавҷудияти коррупсияи сиёсӣ ва дигар шароитҳои тавлидкунандаи коррупсия мебошанд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо коррупсияи «зарурӣ» ин як роҳи шикастан ва убур намудани низоми мавҷудаи коррупсионӣ мебошад, ки муборизаи фаъол ва воқеӣ бар зидди ин падидаро зери суол мебарад. Яъне, чунин навъи муносибат баёнгари ҷавоб гуфтан ба низоми коррупсионӣ бо амали коррупсионӣ мебошад, ки аввалиро тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, дар ҳама ҳолат зарур аст, ки ҳангоми баҳогузорӣ ба амалҳои коррупсионӣ ба шароити зуҳури онҳо таваҷҷуҳ намуда шавад. Ошкор намудани шароитҳои тавлидкунандаи зуҳури коррупсия метавонад ба дарки моҳияти он кӯмак расонад. Зарур аст, ки ҳангоми баҳогузорӣ ба амалҳои коррупсионӣ ба хосиятҳои режими сиёсӣ таваҷҷуҳ намуда шавад. Аммо нивобаста аз ин қайд намудан зарур аст, ки дар аксари ҳолат коррупсия паёмади манфӣ ва харобиоварро доро мебошад.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон дар баррасии масъалаҳои коррупсия пайванди зуҳури онро бо шароити гузаришӣ ва тағйири ҷомеаҳо исбот намудаанд. Барои мисол муҳаққиқон давраи гузаришро дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ яке аз омилҳои сиёсии рушди коррупсия дар ин фазо медонанд, ки бозгӯи пайванди амалҳои коррупсионӣ бо равандҳои сиёсӣ ва ҳолати рушди ҷомеаҳо мебошад. Муҳаққиқ Роберт И. Роберт фазои пас аз шӯравиро чун минтақаи ба таври васеъ паҳншудаи коррупсия баҳогузорӣ кардааст [30].

Яке аз муҳаққиқони намоёне, ки рушди коррупсияро бо чигунагии давраи гузаришии ҷомеаҳо пайванд медиҳад, сиёсатшиноси америкоӣ Самуэл Ҳантингтон мебошад. С. Ҳантингтон ифодаи «пӯсиши сиёсӣ»-ро дар мавриди ҷомеаҳои гирифтори барзиёди коррупсия ва нобасомон истифода намудааст. Ба андешаи ӯ сафарбарнамоии иҷтимоии ногаҳонӣ ба ниҳодҳои сиёсии миллатҳои нав (давраи гузариш) вазниниҳои бесобиқаеро овард, ки боиси фанои рақобати сиёсӣ ва зуҳури носуботии сиёсӣ, пӯсиши ниҳодӣ ва коррупсия гашт [15]. С. Ҳантингтон ҳамчунин дар китоби классикии худ оид ба рушди сиёсӣ якчанд шароитҳои мусоидаткунандаи зуҳури коррупсия дар низоми давлатиро махсусан қайд намудааст. Ба андешаи ӯ коррупсия дар замони рушди босуръат ва модернизатсия тақвият мeёбад; ин тамоюлҳо дар кишварҳои дорои қишрбандии мустаҳками иҷтимоӣ камтар гирифтори коррупсия мешаванд; сатҳи имкониятҳои сиёсӣ ва иқтисодии давлат ба табиати коррупсия таъсир мегузорад; дар ҳолати сатҳи пасти рушди ҳизбҳои сиёсӣ сатҳи коррупсия низ бештар паҳн мешавад [16].

Ҳамчунин муҳаққиқон ҳолати пас аз моҷароро ба таври хоса чун заминаи тақвияти коррупсия медонанд. Ба андешаи онҳо давлатҳои миллие, ки моҷароро аз сар гузаронидаанд, гирифтори коррупсия мегарданд ва дар онҳо ин падида ба таври хоса тақвият мeёбад. Ба андешаи Сусан Роз Аккерман аксари омилҳое, ки коррупсияро тавлид мекунанд, дар фазои пас аз моҷаро мавҷуд мебошанд. Ӯ бо овардани мисолҳо аз якчанд кишварҳои моҷарои сиёсиро паси сар намуда, аз қабили Гватемала, Ангола, Мозамбик, Бурунди ва Косово масъаларо ба баррасӣ кашидааст[31]. Ба андешаи Ҷеймс Скот ноамнӣ боис мегардад, ки сиёсатмадорони ба нигаҳдории мансаби хеш боварӣ надошта ҳарчи тезтар кӯшиш бар он мекунанд худро

сарватманд намоянд ва соҳибкорон низ ҳимояи расмиро барои фоидаи кӯтоҳмуддат харида бошанд [22].

Воқеан, ҳолати гузариш метавонад заминаи зуҳур ва тақвияти коррупсия гардад, дар ҳоле ки барои тағйирот ва гузариш шароити мувофиқ фароҳам нагашта бошад. Хусусан, гузариш аз як низоми сиёсӣ ба низоми дигари сиёсӣ ва гузариши пас аз моҷарои метавонад ба хатари тақвияти коррупсия мувоҷеҳ гардад. Шароитҳои номувофиқи ниҳодӣ яке аз омилҳои зуҳур ва тақвияти коррупсия дар фазои гузаришӣ мебошад. Зарур аст, ки омӯзиши масъалаҳои тақвияти коррупсия дар Тоҷикистон дар матни гузариш аз низоми сиёсии сотсиалистӣ ба низоми демократӣ ва ҳолати гузариши пас аз моҷарои ба роҳ монда шавад. Зеро, дар зуҳур ва тақвияти коррупсия дар шароити Тоҷикистон нақши омили гузаришӣ хеле муассир мебошад. Хусусан, моҷарои дохилӣ ва давраи гузариш ба ҳолати осоишта заминаи тақвиятбахшандаи коррупсия дар кишвар буданд, ки ошнобозӣ, ҷонфидоии шахсӣ ва протекси-онизмро*[32, с. 69] дар кишвар тақвият бахшиданд.

Дар баррасии масъалаҳои коррупсия аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчунин ба ҷиҳатҳои ахлоқии он низ таваҷҷӯҳ зоҳир карда шудааст, ки бевосита баёнгари паҳлӯҳои иҷтимоии ин падида мебошад. Роналд Врейс ва Эдгар Симпкин дар баррасии масъалаҳои коррупсия дар кишварҳои дар ҳоли рушд ба ҷиҳати ахлоқии он таваҷҷуҳ намудаанд. Дар таҳқиқоти худ онҳо ошкор сохтаанд, ки коррупсия ҷангали непотизм (ошнобозӣ) ва хостаҳо, ҳолати мудҳиш ва фоҷеаборeро монанд аст, ки зери таъсири он ташаббускории хизматчиёни ҷамъиятии ҷавонони африкоӣ ба ноумедӣ табдил мегардад ва он ҷо муносибатҳои тараққӣ ва рушд ҷой надоранд [33]. Гирифтори хизматчиёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба коррупсия ва иштироки шумораи зиёди мардум дар схемаҳои коррупсионӣ албатта ҷиҳати ахлоқиро низ дорад. Боло гузоштани манфиатҳои худӣ ва гурӯҳӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин бетаваҷҷӯҳи ба паёмадҳои хатарзои коррупсия худ баёнгари ҷиҳати ахлоқӣ доштани масъала мебошад.

Баъзе аз муҳаққиқон дар омӯзиши масъалаҳои коррупсия ба коррупсияи сиёсӣ ва таъсири мудҳиши он дар ҷомеа таваҷҷуҳ намудаанд. Муҳаққиқи рус О. Попова алоқамандии коррупсияи сиёсӣ ва ғайрисиёсиро махсусан қайд намудааст. Ба андешаи ӯ паҳнгашта будани амалияи коррупсионӣ дар зинаҳои болоии гурӯҳҳои ҳукмрон (элитӣ), ки дорои салоҳиятҳои ҳокимиятӣ ҳастанд, ба тақвияти коррупсияи сатҳи поёнӣ боис мешавад. Ӯ қайд намудааст, ки дар ҳама ҳолат ҳангоми рушди сиёсати коррупсионӣ манфиатҳои шахсӣ нисбат ба манфиатҳои давлатӣ дар мадди аввал гузошта мешаванд [34]. Бархе муҳаққиқони масъалаҳои коррупсия чунин иддао мекунанд, ки коррупсия паёмади ҳамзистии се омили гуногун аст: сарҳади номуайяни миёни давлат ва бозор дар он вақт зуҳур мекунад, ки даромадҳои иқтисодӣ аз қарори сиёсӣ вобастагӣ дошта бошанд; таҳаммулпазирӣ ба коррупсия аз ҷониби

* протексионизм – ба андешаи Н. В. Селихов падидаи манфиест, ки фаъолияти иштирокдорони он – сарпараст (патрон) ва мизоҷон – боиси сохтани чунин фазое магардад, ки манфиатҳои нафъҷӯёнаи онҳоро қонеъ мекунад. Яке аз намунаҳои равшани он «тими худӣ» мебошад.

шаҳрвандон; ва нокомилии механизми сиёсӣ, маъмурӣ ва судии назорат ва маҳдуд намудани амали табоҳсозандаи ҳокимият ва хизматчии давлатӣ [35, с 15].

Солҳои охир миёни муҳаққиқони масъалаҳои коррупсия чунин андешае зуҳур намуд, ки коррупсия на танҳо мушкилии иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи алоҳида аст, балки ба амнияти байналхалқӣ низ таҳдид менамояд. Ин гурӯҳи муҳаққиқон ба масъалаҳои коррупсия фаротар аз мушкилии як ҷомеа ва ё давлат назар мекунанд. Аз он ҷумла муҳаққиқон Роберт И. Роберт, Келли М. Гринҳилл, Матсев Бунн, Ҷесика С. Тиитс, Эрика Ченовес, Бен В. Ҳейнимен аз ҷумлаи он муҳаққиқоне мебошанд, ки коррупсияро чун як мушкилии сатҳи глобалӣ медонанд. Онҳо исбот кардаанд, ки мавҷудияти коррупсия ба амнияти байналхалқӣ таҳдид намуда, боиси боло рафтани қочоқ, паҳншавии аслиҳаи ҳастаӣ, рушди терроризм ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ мегардад [36].

Раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди ҳамгироиву ҳамкорӣ, рушди технологияи иттилоотӣ ва логистикӣ, паст рафтани нақши сарҳадҳои миллӣ дар радифи шароитҳои муосири иқтисодиву иҷтимоӣ ҳамчунин ба фаромиллӣ гаштани мушкилот замина фароҳам намуданд. Дар чунин ҳолат мавҷудияти коррупсия чун механизми осони ба ҳадаф расидан ба гурӯҳҳои ҷиноии байналхалқӣ метавонад коромад бошад.

Қайд намудан зарур аст, ки аксари дидгоҳҳои зикрнамуда, барои тадқиқ ва баррасии масъалаҳои коррупсия дар шароити Тоҷикистони имрӯза метавонанд мавриди истифода қарор гирифта бошанд. Албатта, дар тадқиқи масъалаҳои коррупсия дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ намудан ба ин дидгоҳҳо аз аҳамият холӣ буда наметавонад.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки коррупсия падидаи иҷтимоию сиёсӣ мебошад ва паҳлӯҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсиро дорост. Аз баррасии ҷиҳатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии омӯзиши масъалаҳои коррупсия метавон чунин хулосабарориҳо намуд:

- аз давраҳои қадим то ба имрӯз коррупсия чун падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ шинохта шудааст, ки зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ зуҳур намуда, ба ҳаёти ҷомеаҳо таъсири худро мерасонад. Аз замони Арасту то ба имрӯз муҳаққиқон ба ҷиҳатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии коррупсия равшанӣ бахшидаанд ва даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳ ба ин масъала боло рафтааст. Аз он ҷумла, даҳсолаҳои охир, паҳлӯҳои иҷтимоӣ ва сиёсии коррупсия аз ҷониби муҳаққиқон ҳамаҷониба ба баррасӣ кашида шудааст;
- ошкор карда шудааст, ки сатҳи зуҳур ва тақвияти коррупсия аз чигунагии низомҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад. Дар низомҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ нисбат ба низомҳои кушода ва демократӣ сатҳи коррупсия баланд мебошад. Дар низомҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ коррупсия ба таври систематикӣ мавҷуд буда, низомҳои демократӣ механизми самараноки муқобилият бо коррупсияро доранд. Низоми демократӣ фазое дониста шудааст, ки дар он имкони зуҳури коррупсия нисбатан камтар аст;
- омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ заминаи асосии зуҳур ва тақвияти коррупсия шинохта шудаанд. Боло гузоштани манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ, ноӯҳдабароии низоми идорӣ ва бесамарии фаъолияти ҳокимият, адами институтсионализатсияи самаранок, вайрон намудан ва тарк кардани стандартҳои фарҳангӣ заминаҳои зуҳури коррупсия шинохта шудаанд. Дар ҳама давру замон

ҳолати иҷтимоиву сиёсӣ ба сатҳи коррупсия таъсиргузор мебошад ва новобаста аз он ки коррупсия дар кадом ҷомеа ба вуҷуд меояд хоҳ-нохоҳ зери таъсири омилҳои иҷтимоию сиёсӣ сурат мегирад;

- коррупсия дар низоми муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҳамеша паёмадҳои харобиовар ва манфиро доро аст. Ба исбот расидааст, ки коррупсия ба амнияти ҷомеаҳо таъсири манфии худро мегузорад ва падидаи хатарзо ба суботу амнияти ҷомеаҳо аст. Баъзе аз муҳаққиқон коррупсияро ба пуррагӣ чун падидаи манфӣ намешиносанд ва иддао менамоянд, ки коррупсия дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ дорои аҳамият низ мебошад. Дар ҳама ҳолат зарур аст, ки ҳангоми баҳогузорӣ ба амалҳои коррупсионӣ ба шароити зуҳури онҳо таваҷҷуҳ намуда шавад, аммо новобаста ба ин коррупсия паёмади манфӣ ва харобиоварро доро мебошад;

- пайванди зуҳур ва тақвияти коррупсия бо шароити гузаришӣ ва тағйири ҷомеаҳо ҷой дорад. Ҳолати пас аз моҷароӣ ба таври хоса чун заминаи тақвияти коррупсия мебошад. Аксари омилҳое, ки коррупсияро тавлид мекунанд, дар фазои пас аз моҷароӣ мавҷуд мебошанд. Гузариш аз як низоми сиёсӣ ба низоми дигари сиёсӣ ва гузариши пас аз моҷароӣ метавонад ба хатари тақвияти коррупсия мувоҷеҳ гардад;

- коррупсияи сиёсӣ ба амнияти ҷомеаҳо хатари ҷиддӣ дорад. Алоқамандии миёни коррупсияи сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ дар ҷомеаҳо ҷой дорад ва коррупсия дар зинаҳои болоии гурӯҳҳои ҳукмрон ба тақвияти коррупсияи сатҳи поёнӣ боис мешавад.

- коррупсия на танҳо мушкилии иҷтимоиву сиёсии ҷомеаи алоҳида аст, балки ба амнияти байналхалқӣ низ таҳдид менамояд ва масъалаи коррупсия фаротар аз мушкили як ҷомеа мебошад.

***Пайнавишт:***

1. *Платон. Собрание сочинений. В 4 т. – М., 1990. Т.3. – 654 с.*
2. *Аристотель. Политика. М., 1911. – 466 с.*
3. *Монтескье Ш. Избранные сочинения. – М., 1955. – 803 с.*
4. *Гоббс Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского. – М., 1936. – 503 с.*
5. *Political Corruption: concepts and context / Third edition, Arnold J. Heidenheimer, Michael Johnston editors, Transaction Publishers, New Brunswick (USA) and London (UK), 2009. – 970 p.*
6. *Karl R. Popper. The Open Society and the Democratic State. The Karl Popper Archives, Box 6. File 6.*
7. *Friedrich C. J. The Pathology of Politics: Violence, Betrayal, Corruption, Secrecy, and Propaganda. N. Y.: Harper & Row, 1972. – 287 p.*
8. *Cooper A., Drury, Jonathan Krieckhaus, Michael Lusztin. Corruption, Democracy and Economic Growth // International Political Science Review, Vol. 27. No. 2. (Apr. 2006), pp. 121-136.*
9. *Andrei Shleifer and Robert W. Vishny, "Corruption" // The Quarterly Journal of Economics, Vol. 108, No, 3. (Aug., 1993), pp. 599-617.*
10. *Seymour Martin Lipset and Gabriel Salman Lenz, "Corruption, Culture and Markets"/ Culture Matters: How Values Shape Human Progress, ed L.E. Harrison and S.P. Huntington (New-York: Basic Books, 2000), pp. 112-125.*
11. *Гринберг Р. Результаты экономических реформ в постсоциалистических странах // Проблемы теории и практики управления. 2003, № 3; Коррупция и борьба с ней*

*//Государственное управление и политика. Концепции и проблемы государственной политики и управления / Под ред. Л.В. Сморгунова. Ч. I. - М., 2006; Сатаров Г. А. и др. Антикоррупционная политика. - М., 2004. – 368 с.*

12. *Karklins, Rasma. The system made me do it: corruption in post communist societies. New York, 2005, 219p.*
13. *2016 Corruption Perception Index www.transparencyinternational.org, санаи мурочиат 20.05.2017*
14. *Robert Klitgaard, Controlling corruption. – Berkeley: University of California Press, 1988. – 239p.*
15. *Samuel Huntington, Modernization and Corruption / Political Order in Changing Societies, New Haven, Conn.: Yale University Press, 1968, pp. 29-71.*
16. *Samuel P. Huntington, "Modernization and Development, in Bureaucratic Corruption in Sub-Saharan Africa: Toward a search for Causes and Consequences". ed. Monday U. Ekpo, Washington DC. University Press of America, 1979. – P. 313-324.*
17. *Joseph S. Nye, Political Corruption: a Cost-Benefit Analysis / Political Corruption: a Handbook. - New Brunswick, NJ, Transactions, 1989.*
18. *Joseph S. Nye, "Corruption and Political Development: A Cost-Benefit Analysis" // American Political Science Review, 61. June 1967. pp. 417-427*
19. *J.P. Oliver de Sardan. A Moral Economy of Corruption in Africa // Public Sector corruption. Vol. 1. pp. 167-192.*
20. *Abed, G. T., & Gupta, S. Governance, corruption & economic performance. Washington, DC: International Monetary Fund, 2002; Mauro, P. Corruption: Causes, Consequences, and Agenda for Further Research. Finance & Development, No 35, 1998, retrieved October 21, 2008, from http://www.worldbank.org/fandd/english/0398/articles/010398.htm; Mbaku, J. M. Corruption in Africa: Causes, consequences & cleanups. Lanham: Lexington Books, 2007.*
21. *Antoni Z. Kaminski, "Coercion, Corruption, and Reform: State and Society in the Soviet-type Socialist Regime" // Journal of Theoretical Politics. No. 1, 1989. pp. 77-102*
22. *James C. Scott, Comparative political corruption. – Englewood Cliffs, NJ: Prenice-Hall, 1972.*
23. *David I. Gould and Jose A. Amaro Reyes, "The effects of corruption on Administration Performance: Illustration from developing Countries" Staff Working paper No: 580, Management and development series No: 7, Washington DC. The World Bank, 1983.*
24. *Гевелинг Л.В. Клептократия. Социально-политическое измерение коррупции и негативной экономики. Борьба африканского государства с деструктивными формами организации власти. – М., 2001. – 590 с.*
25. *Louise Shelley, "Crime and corruption" / Development in Russian Politics, ed. Stephen White, Alex Pravda, and Zvi Giltelman. – Hampshire: Palgrave, 2001.*
26. *Sanjew Gupta, Hamid Davoodi and Ervin Tiongson, Corruption and the Provision of Health and Education Services / Political Economy of Corruption, ed. Arvin K. Jain. – London: Routledge, 2001.*
27. *Michael Johnston, Syndromes of Corruption: Wealth, Power, and Democracy, Cambridge University Press, 2010, 267 p.*
28. *Clark William A., "Soviet Official Corruption under Perestroika: A Balance Sheet"/ Current Politics and Economies of Russia 2, no 3, 1992, pp. 205-216.*
29. *Abueva J.V. The Contribution of Nepotism, Spoils and Graft to Political Development // East-West Center Review. 1966. № 3; Bayley D.H. The Effects of Corruption in a Developing Nation // Western Political Quarterly. 1966, Vol. 19. № 4; Leff N.H. Economic Development through Bureaucratic Corruption // American Behavioral Scientist. 1964. Vol. 8: № 3; Leyes C.*

*What is the Problem About Corruption? // Journal of Modern African Studies. 1965. Vol. 3. No. 26.*
30. *Robert I. Robert "How corruption Compromises World Peace and Stability" / Corruption, Global Security and World Order, World Peace Foundation, 2009*
31. *Susan Rose Ackerman. Corruption in the wake of Domestic National Conflict / Corruption, Global Security, and World Order, World Peace Foundation, 2009, pp. 66-95.*
32. *Коррупция и антикоррупционная политика: Словарь-справочник / Под общ. ред. П.А. Кабанова. – М.: Медиа-Пресс, 2008, 144 с.*
33. *Ronald Wraith and Edgar Simpkins. Corruption in Developing Countries. – London, 1963.*
34. *Попова О.В. Борьба с коррупцией в Российской Федерации как инновационный проект гражданского общества? // ПОЛИТЭКС. 2006, № 4.*
35. *Corruption in Contemporary Politics, edited by Martin J. Bull. – Palgrave, Macmillan, 2003.*
36. *Corruption, Global Security, and World Order / Robert I. Rotberg, editor, Brooking Institution Press, Washington DC. 2009. 480 p.*

***Reference Literature:***

1. *Plato. Collection of Works, in 4 books. – M., 1990. Book 3. – 654 pp.*
2. *Aristotle. Politics. – M., 1911. – 466 pp.*
3. *Montesquieu Sh. Collection of Works. – M., 1955. – 803 pp.*
4. *Hobbes Thomas. Leviathan or Matter, Form and Power of a Commonwealth, Ecclesiastical and Civil. – M., 1936. – 503 pp.*
5. *Political Corruption: Concepts and Context / The third edition, Arnold J. Heidenheimer, Michael Johnston: editors, transaction publishers, New Brunswick (USA) and London (UK), 2009, - 970 pp.*
6. *Karl R. Popper. The Open Society and the Democratic State. Karl Popper Archives, Box 6. File 6.*
7. *Friedrich C. J. The Pathology of Politics: Violence, Betrayal, Corruption, Secrecy and Propaganda. N. Y.: Harper & Row, 1972. – 287 pp.*
8. *Cooper A., Drury, Jonathan Krieckhaus, Michael Lusztin. Corruption, Democracy and Economic Growth // International Political Science Review, Vol. 27. No. 2. (Apr. 2006), - pp. 121 - 136.*
9. *Andrei Shleifer and Robert W. Vishny. "Corruption" // The Quarterly Journal of Economics, Vol. 108, No, 3. (Aug., 1993), - pp. 599 - 617.*
10. *Seymour Martin Lipset and Gabriel Salman Lenz. "Corruption, Culture and Markets"/ Culture Matters: How Values Shape Human Progress, edited by L.E. Harrison and S.P. Huntington (New-York: Basic Books, 2000), - pp. 112 - 125.*
11. *Grinsberg R. Results of Economic Reforms in Post Socialist Countries // Problems of Theory and Practice of Governance. 2003, № 3.; Corruption and its prevention // State regulation and politics. Concepts and Problems of State Policy and Governance / Edited by. L.V. Smorgunova. Book 1. - M., 2006; Sattarov G.A. et alia. Anticorruption Policy. - M., 2004. – 368 pp.*
12. *Karklins, Rasma. The system made me do it: corruption in post-communist societies. New York, 2005, - 219 pp.*
13. *2016 Corruption Perception Index www.transparencyinternational.org, date of access 20.05.2017*
14. *Robert Klitgaard. Controlling Corruption. – Berkeley: University of California Press, 1988. – 239 pp.*
15. *Samuel Huntington. Modernization and Corruption / Political Order in Changing Societies, New Haven, Conn.: Yale University Press, 1968, - pp. 29 - 71.*
16. *Samuel P. Huntington, "Modernization and Development, in Bureaucratic Corruption in Sub-Saharan Africa: toward a Search for Causes and Consequences". edited by Monday U. Ekpo, Washington DC. University Press of America, 1979. – pp. 313 - 324.*

17. *Joseph S. Nye, Political Corruption: a Cost-Benefit Analysis / Political Corruption: a Handbook. - New Brunswick, NJ, Transactions, 1989.*
18. *Joseph S. Nye, "Corruption and Political Development: A Cost-Benefit Analysis" // American Political Science Review, 61. June 1967. - pp. 417 – 427.*
19. *J.P. Oliver de Sardan. A Moral Economy of Corruption in Africa // Public Sector corruption. Vol. 1. - pp. 167 - 192.*
20. *Abed, G. T., & Gupta, S. Governance, corruption & economic performance. Washington, DC: International Monetary Fund, 2002; Mauro, P. Corruption: Causes, Consequences, and Agenda for Further Research. Finance & Development, No 35, 1998, retrieved October 21, 2008, from http://www.worldbank.org/fandd/english/0398/articles/010398.htm; Mbaku, J. M. Corruption in Africa: Causes, consequences & cleanups. Lanham: Lexington Books, 2007.*
21. *Antoni Z. Kaminski, "Coercion, Corruption, and Reform: State and Society in the Soviet-type Socialist Regime" // Journal of Theoretical Politics. No. 1, 1989. - pp. 77 – 102.*
22. *James C. Scott, Comparative political corruption. – Englewood Cliffs, NJ: Prenice-Hall, 1972.*
23. *David I. Gould and Jose A. Amaro Reyes, "The effects of corruption on Administration Performance: Illustration from developing Countries" Staff Working paper No: 580, Management and development series No: 7, Washington DC. The World Bank, 1983.*
24. *Gaveling L.V. Cleptocracy. Socio-political measure of corruption and negative economy. African states against destructive forms of government. – M., 2001. – 590 pp.*
25. *Louise Shelley, "Crime and corruption" / Development in Russian Politics, ed. Stephen White, Alex Pravda, and Zvi Giltelman. – Hampshire: Palgrave, 2001.*
26. *Sanjew Gupta, Hamid Davoodi and Ervin Tiongson, Corruption and the Provision of Health and Education Services / Political Economy of Corruption, ed. Arvin K. Jain. – London: Routledge, 2001.*
27. *Michael Johnston, Syndromes of Corruption: Wealth, Power, and Democracy, Cambridge University Press, 2010, - 267 pp.*
28. *Clark William A., "Soviet Official Corruption under Perestroika: A Balance Sheet"/ Current Politics and Economies of Russia 2, no 3, 1992, - pp. 205 - 216.*
29. *Abueva J.V. The Contribution of Nepotism, Spoils and Graft to Political Development // East-West Center Review. 1966. № 3; Bayley D.H. The Effects of Corruption in a Developing Nation // Western Political Quarterly. 1966, Vol. 19. № 4; Leff N.H. Economic Development through Bureaucratic Corruption // American Behavioral Scientist. 1964. Vol. 8: № 3; Leyes C. What Is the Problem About Corruption? // Journal of Modern African Studies. 1965. Vol. 3. No. 26.*
30. *Robert I. Robert "How Corruption Compromises World Peace and Stability" / Corruption, Global Security and World Order, World Peace Foundation, 2009*
31. *Susan Rose Ackerman. Corruption in the Wake of Domestic National Conflict / Corruption, Global Security, and World Order, World Peace Foundation, 2009, - pp. 66 - 95.*
32. *Corruption and Anticorruption Policy: Dictionary of references / Edited by. P.A. Kabanova. – M.: Media-Press, 2008, - 144 pp.*
33. *Ronald Wraith and Edgar Simpkins. Corruption in Developing Countries. – London, 1963.*
34. *Popova O.V. Fighting with Corruption in Russian Federation as Innovative Project of Civil Society // POLITEX. 2006, № 4.*
35. *Corruption in Contemporary Politics, edited by Martin J. Bull. – Palgrave, Macmillan, 2003.*
36. *Corruption, Global Security and World Order / Robert I. Rotberg, editor, Brooking Institution Press, Washington DC. 2009. - 480 pp.*